# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Расулзода Ҳомидҷон Ҳасан (Расулов Ҳомид Ҳасанович), дар мавзӯи: «Хусусиятҳои хоси ташаккулёбӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои обии ҳавзаи дарёи Панҷ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 25.00.27- Гидрологияи хушкӣ,захираҳои обӣ, гидрохимия.**

**Мубрамии мавзӯи тадқиқот**. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 об ҳамчун захираи муҳими стратегӣ интихоб гардида, вобаста ба он дар самти таъмин намудани амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат пешбурди ислоҳоти аграрӣ барои рушди устувор ва фаъолияти онҳо пешбинӣ гардидааст.

Минтақаи ташаккулёбии ҳавзаи дарёи Панҷ ба минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон шомил гардида, омӯзиши пурраи хусусияти гидрологӣ, инчунин хусусияти ин минтақа дар шароити тағйирёбии иқлим ниҳоят муҳим мебошад, ки усулҳои ҳисоб ва пешгӯии маҷрои онро дар маҷмӯъ муайян менамояд. Маълум аст, ки дар мавзеъҳои кӯҳӣ дидбонгоҳҳои гидрологӣ дар маҷрои миёна ва поёноб ҷойгир мебошанд ва ченкуниҳо дар маҷмӯъ танҳо обнокии миёнаи ҳавзаи дарёро муайян менамоянд. Бо ин мақсад барои иҷрои қонунияти табиии асосӣ дар мавзеъҳои кӯҳӣ, инчунин равандҳои гидрологӣ таҳлили пурраи тақсимшавии маҷро дар мавзеъҳои баланд, ҳамчунон аз рӯи омилҳои иқлимӣ бо дарназардошти идоракунии антропогении маҷро лозим мебошад.

**Кори диссертатсионии зерин бо** мақсади тадқиқоти хусусиятҳои ташаккулёбии маҷро, инчунин истифодаи оқилонаи захираҳои обии дарёи Панҷ (шохоби асосии ҳавзаи дарёи Амударё) дар шароити кунунии тағйирёбии иқлим ба ҳисоб меравад. Унвонҷӯй дар рафти тадқиқоти илмӣ ба ҷараёни хусусиятҳои иқлимӣ ва таъсири он ба шароити ташаккулёбии маҷрои ҳавзаи дарёи Панҷ дар шароити муосир таҳлилҳо овардааст. Ҳангоми таҳлил ӯ бештар ба миқдори солонаи боришот, тағйирёбии назарраси микёсӣ ва фосилавии онҳо аҳмият додааст. Инчунин унвонҷӯ ба тағйирёбии ҳарорати ҳаворо муқоиса намуда, хусусиятҳои ташакукули серобиро дар ҳавзаи дарёи Панҷ муайян намудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Натиҷаи таҳқиқотҳои мавзуи мазкурро ҳангоми пешгӯии тағйирёбии нишондодҳои маҷрои об ва обнокии дарёи Панҷ дар шароити кунунии тағйирёбии иқлим метавон истифода бурд. Маълумотҳо ва натиҷаҳои мавзуи мазкур метавонад барои мутахассисони илмҳои бо ҳам наздик (обшиносҳо, экологҳо, ҳифзи муҳити зист ва дигарҳо),инчунин барои ташкилотҳо ва мақомотҳои марбутаи соҳавӣ аҳамиятии муҳим дошта бошад.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия**. Оид ба мавзуи диссертатсия 21 корҳои илмӣ, аз ҷумла: 1 монография; 4 мақола дар нашриётҳои тақризшавандаи эътирофнамудаи КОА назди Президенти ҶТ, 17 мақола дар нашриётҳои хориҷӣ (3 мақола дар сохтори Scopus), 3 мақола дар

яккамуаллифӣ нашр гардидааст.

Ба сифати ҷиҳати беҳтари автореферат муаллиф тадқиқотро оид ба фаъолияти бахшҳои техникӣ ва бадаст оварда аз захираҳои обии ҳавза сарчашма мегирад нишон додааст. Ҷиҳати беҳтари автореферат тадқиқотҳо оид ба инкишофи соҳаҳои хизматрасонии маҷрои дарёи Панҷ масъалаҳои зиёде мушоҳида мешаванд, ки дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои муҳими ҷаҳони муосир ба ҳисоб меравад.

Дар асоси автореферат ба хулосае омадан мумкин аст, ки рисолаи пешниҳодшудаи Расулзода Ҳомидҷон Ҳасан аз рӯйи мавзӯи актуалӣ буда, пурра ба иҷро расидааст.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Расулзода Ҳомидҷон Ҳасан (Расулов Ҳомид Ҳасанович), дар мавзӯи: «Хусусиятҳои хоси ташаккулёбӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои обии ҳавзаи дарёи Панҷ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 25.00.27- Гидрологияи хушкӣ,захираҳои обӣ, гидрохимия пешниҳод шудааст дар сатҳи баланд илмӣ-методӣ иҷро гардида, ба талаботҳои Комиссияи Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад.

номзади илмҳои географӣ кафедраи идораи
замин ва кадастри ДАТ
ба номи Ш.Шоҳтемур Алиев Н.Н.

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе
Хиёбони Рудакӣ, 146 тел\ :факс: (992-37) 2247207
E-mail: rectortau31@mail.ru\\ www.tajagroun.tj

Имзои н.и.г. Алиев Н.Н.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо Раджабова Н.А.